## Ҷашни 100-солагии матбуоти тоҷик муборак!


Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №29 (2856) | ШАНБЕ, 10 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад




## Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Алиакбар Солеҳӣ

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 9 марти соли 2012 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Алиакбар Солеҳиро ба ҳузур пазируфт.**

Зимни мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносиботи гуногунпаҳлуи Тоҷикистону Эрон баррасӣ шуд.

Аз мӯҳтавои ҳамгироиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ, хусусан дар соҳаҳои энергетика ва нақлиёт изҳори қаноатмандӣ карда шуд. Таъкид гардид, ки баъди анҷоми пурраи бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» ба эъмори Нерӯгоҳи барқи обии «Айнӣ» дар болои рӯди Зарафшон шурӯъ намудани ҷониби Эрон қадами устувори навбатии ду кишвари дӯсту ҳамзабон дар роҳи таҳким ва густариши робитаҳои судбахш хоҳад буд.

Зикр гардид, ки ҳоло 150 ширкати эронӣ дар Тоҷикистон фаъолияти босамар доранд. Ҳаҷми мубодилоти молӣ миёни ду кишвар дар соли 2011 ба беш аз 204 миллион доллари амрикоӣ расид, ки нисбат ба соли 2010-ум 102% зиёд аст.

Бо вуҷуди ин, таъкид гардид, ки тибқи имкону захираҳои фаровони мавҷуда, ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Эрон бояд аз имрӯза бамаротиб бештар бошад.

Дар мулоқот ҳамчунин доир ба масоили минтақавию байналмилалӣ, мусоидат ба бозсозии ҳаёти осоишта дар Афғонистон ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯ сурат гирифт.

Баргузории Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва Конфронси 5-уми ҳамкории иқтисодии минтақавӣ доир ба Афғонистон, ки даҳаи сеюми моҳи март дар Тоҷикистон баргузор мегарданд, дорои аҳамияти бузург арзёбӣ гардид.

*www.prezident.tj*




*«Васоити ахбори умум дар ҷомеа неруи муассири иттилоотӣ ва таблиғгари аркони нав мебошанд. Нақши онҳо дар раванди демократикунонӣ ва рушди ҷомеа ниҳоят калон аст.»*

*Эмомалӣ Раҳмон,*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*


«БУХАРАИ ШАРИФЪ»



## Мо ҳамеша сухани созандаву пешниҳодҳои судмандро ҷонибдорӣ мекунем

**Суханронии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дар назди намояндагони воситаҳои ахбори омма ба муносибати 100 – солагии рӯзи таъсисёбии «Бухорои Шариф»**

*9 марти соли 2012*

**Мӯҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма!**

Тавре огоҳӣ доред, 100 сол қабл аз ин, 11-уми марти соли 1912 таҳти унвони «Бухорои Шариф» аввалин рӯзнома бо забони тоҷикӣ таъсис ёфт, ки дар кишварамон ин сана ҳамчун Рӯзи матбуоти тоҷик ҳамасола таҷлил мешавад.

Ин рӯзнома бо ташаббуси равшанфикрони машҳури тоҷик-тоҷир ва сарватманди бухороӣ Мирзо Муҳиддин Мансуров ва шоир, сайёҳ, ҳаким, публитсисти бухороӣ Мирзо Сироҷи (Сироҷиддин) Ҳаким (1877 - 1914) дар матбааи Бухорои Нав (Коғон) ба нашр мерасид. Муҳарририи рӯзномаро яке аз донишмандони забону адабиёти тоҷику форс, адиб ва журналисти маъруф Мирзо Ҷалол Юсуфзода, ки ӯро аз Боку ба Бухоро даъват карда буданд, ба ӯҳда дошт.

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» дар мавқеи маорифпарварӣ истода, хонандагони худро бо забони содда аз воқеаҳои ҷаҳон, масъалаҳои гуногуни таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабиёт огоҳ мекард. Дар саҳифаҳои он, махсусан зарурати омӯхтани илму дониш ва мақолаҳои ташвиқотӣ оид ба ин масъала чоп мешуданд.

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» аввалин бор хонандагони тоҷик ва тоҷикзабони бухороиро бо асарҳои нависандаи бузурги рус – Лев Николаевич Толстой (таҳти сарлавҳаи «Осори Гроф Толстой», дар маҷмӯъ 12 асар), «Ҳикояҳои чинӣ»-и адиби Фаронса Анри де Рине, «Данко» ва «Кампир Изергил»-и Алексей Максимович Горкий ва дигар асарҳои нависандагони дунё шинос намудааст.

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» то 2-юми январи соли 1913-ум 153 шумора нашр гардид ва бо иғвои муқобилони ислоҳот аз тарафи ҳукумати амири Бухоро баста шуд.

Дар бораи таъсис ёфтан ва чӣ гуна ба табъ расидани рӯзномаи «Бухорои Шариф» дар асари устод Айнӣ «Таърихи инқилоби Бухоро» маълумоти дақиқ дода шудааст. Ҳарчанд паҳлуҳои гуногуни мундариҷаву мӯҳтаво ва аҳамияти таърихии аввалин рӯзномаи тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳа пурра таҳқиқ нагардидааст, вале ҷустуҷӯву ковишҳои суратгирифта аз он дарак медиҳанд, ки пайдоиши «Бухорои Шариф» дар рӯзгори иҷтимоиву фарҳангии мардуми тоҷик падидаи нодир буд. Ин далели таърихӣ бори дигар собит месозад, ки мардуми мо ба сухан, ба каломи чопӣ ихлосу эътиқоди комил доштаанд.

Аз ҷиҳати дигар, аҳли зиё ва равшанфикрони миллат бунёди ободиву осоиши мулкро дар мунаввар сохтани афкори мардум, ривоҷ додани маорифу фарҳанги умум медиданд.

Суханони сармуҳаррири рӯзнома Мирзоҷалоли Юсуфзода, ки дар шумораи нахустини «Бухорои Шариф» ба табъ расидааст, бозгӯйи чунин ниёзҳои мардум ва ормонҳои зиёиёни даҳсолаи дуюми қарни 20-ум аст: «Ғояи омол низ кори аҳолии Бухоро аст, ки аз ахбори атроф мутталеъ гардида, дар тараққии умрони ватани обо ва аҷдоду издиёди улуму маорифу фунуну саноъеи лозимаи маданият бикӯшанд. Лиҳозо сутунҳои ҳамин варақпора ба ҷиҳати нашри тасаввуроти арбоби ҳиммату толибони иршоду ҳидоят боз аст».

**(Идома дар саҳ. 2)**

## Қаламкаше камгапу фузункор

Зиндагӣ тай кардани масофа дар фазои вақт аст. Ҳар кас онро бо ҳар роҳу тариқат мепаймояду фатҳ мекунад. Саргарм ба талош сӯйи ситораҳои орзу ва даву ғеҷ нафаҳмида мемонад, ки аз умраш хеле сол пушти сар шудааст. Шояд маънии ҳаёт ҳам дар ҳамин бошад: дар дил орзуҳо парваридан, ба онҳо дастрас шудан ва албатта, нақше гузоштан дар зиндагӣ.

Деҳотибачае аз деҳаи Олтинҷилави деҳоти Қаратоғи шаҳри Турсунзода бо номи Абдулмаҷид соли 1976, баъди хатми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 13-уми деҳаи Батош, орзуҳои наҷиб дар дил ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ҳуҷҷат супурду донишҷӯй шуд. Панҷ соли донишҷӯйӣ он қадар зуд гузашт, ки нафаҳмида монд.

Соли 1981, баъди анҷоми муваффақонаи таҳсил, ба фаъолияти меҳнатӣ пардохта, як сол дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 52-юми ноҳияи Ҳисор аз забон ва адабиёти тоҷик дарс гуфт. Он солҳо дар ҳаёти мардуми кишвари ҳамсояю ҳамзабон – Ҷумҳурии Демократии Афғонистон таҳаввулоти бузург шурӯъ шуда, халқи ин сарзамин ба бунёди ҳаёти нав камар баста буд ва фиристодагони давлати бузурги шӯравӣ дар ин амр ба онҳо кӯмак мекарданд.

Абдулмаҷид Муродов низ он ҷо ба сафари хизматӣ рафта, муддати чор сол (солҳои 1982-1986) дар Академияи низомию тиббии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Демократии Афғонистон ба ҳайси тарҷумон ифои вазифа кард. Ӯ аввалин рӯзҳои ба Кобул омаданашро чунин ёд меорад:

Рӯзи дуюми ба Кобул омаданам маро ба дафтари кори роҳбари гурӯҳи мутахассисони шӯравӣ Иван Прохорович Никитин даъват карданд. Баъди ҳолпурсӣ ӯ гӯшаки телефонро гирифту ба касе занг зада гуфт:

- Мӯҳтарам Муродулло Шералиевич, хоҳишмандам барои чанд дақиқа назди ман дароед.

Аз миён фурсати зиёде нагузашта, ба дафтари кори роҳбари гурӯҳ марди болобаланде ворид шуда, одоби салом ба ҷой овард.

- Мӯҳтарам Муродулло Шералиевич, шинос шавед, ин кас тарҷумони нави мо Абдулмаҷид Мирзошарифович Муродов. Аз Тоҷикистон ҳастанд.

- Ин шахси рӯбарӯятон сартарҷумони мо мӯҳтарам Муродулло Шералиевич мебошанд, - гуфта шиносонид шахси аз дар даромадаро Иван Прохорович ба ман.

- Муродулло Шералиевич, лутфан, ҳамроҳи ин ҷавон сӯҳбат карда, самти корашонро муайян намоед.

Баъд давоми тақрибан бист дақиқа ҳар сеямон аз ину он хусус сӯҳбат кардему сипас якҷо бо Муродулло Шералиев аз дафтари роҳбар берун омада, ба ошёнаи панҷуми бинои асосӣ баромадем. Ҳуҷраи кори Муродулло Шералиев дар ҳамин ошёна будааст.

- Домулло Абдулмаҷид, роҳбари гурӯҳ аз сатҳи забони русиро то чӣ андоза баланд буданатон изҳори қаноатмандӣ карданд, -гуфта маро ба нишастан даъват намуданд акои Муродулло ва афзуданд: - Ман шубҳа надорам, ки кор бароятон мушкиле пеш намеорад, вале соҳаи тиб истилоҳоти махсуси зиёд дорад. Биноан, шуморо лозим меояд давоми як моҳи аввал танҳо кор омӯзед, ҳамаи истилоҳоти зарурии соҳаро аз бар намоед, то ин ки ҳангоми тарҷума мушкил пеш наояд. Ана ин луғати русӣ-дарии истилоҳоти тиббӣ, ки ман давоми се соли ин ҷо буданам таълиф намудаам. Инро гиред ва ҳангоми фориғ аз кор омӯзед.

Ҳамин тариқ, давоми зиёдтар аз як сол ман бо акои Муродулло ҳамкор будам ва аз куҷо ҳам медонистам, ки ин шиносоию ҳамкорӣ баъд аз чанд сол моро бо ҳам меорад...

Абдулмаҷид баъди бозгашт ба Ватан котиби озоди ташкилоти комсомолии Раёсати сохтмонии «Алюминстрой»-и шаҳри Турсунзода интихоб гардида, давоми беш аз ду сол дар ин вазифа кор кард. Он солҳо (1986-1988) биноҳои рақами 4, 3 ва 2-юми сехи электролизи Заводи алюминии Тоҷикистон (ҳоло КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷикистон») бунёд меёфт ва қаҳрамони мо ифтихор дорад, ки дар сохтмони ин иншоот ҳамроҳ бо ҷавонони зиёд ширкати бевосита намудааст.

Ӯ як муддати кӯтоҳ боз ба мактаб баргашта, дар деҳааш ба тадрис шуғл намуд. Ёд дорад, тирамоҳи соли 1990 буд. Аз кор баргашта, ҳангоми тафреҳ рӯзномаҳоро варақ мезад. Дар рӯзномаи «Тоҷикистони шӯравӣ» чашмаш ба матолибе бархӯрд, ки аз хусуси баргузории иҷлосияи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, минҷумла дар хусуси таъсиси нашрияи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон хабар дода мешуд. Баъдтар аз рӯзномаҳо дарак ёфт, ки нахустин сармуҳаррири нашрияи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон – рӯзномаи «Садои мардум» вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон Муродулло Шералиев интихоб шудааст.

Орзуи чандин сол дар қалбаш ниҳон берун ҷаст…

- Соли 1975 ба ифтихори 30-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ шӯъбаи маорифи шаҳри Турсунзода (он вақт ноҳияи Регар) миёни хонандагони мактабҳои қаламраваш озмуни таълифоти беҳтарин дар ин мавзӯъ эълон карда буд, - ба ёд меорад Абдулмаҷид Муродов. - Директори мактаби мо, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Гадо Қодиров (рӯҳашон шод бод!) аз ин хусус дар ҷамъомади пагоҳирӯзӣ эълон карда, даъват намуданд, ки дар озмун фаъолона ширкат варзем.

Ман аз хусуси корномаҳои ҳамдеҳаам, дорандаи якчанд ордену медалҳои ҷангӣ Ҳабиб Абдуллоев дар ҳаҷми даҳ саҳифаи дафтари талабагӣ таълифоте анҷом дода, ба озмун фиристодам. Ду рӯз пеш аз ҷашни 30-солагии Ғалаба дар саҳни ҳавлии мактаб ҷамъомади бошукӯҳ баргузор шуд. Директори мактаб ҳамаи моро бо фарорасии ҷашни рӯзи Ғалаба табрик гуфта, ба намояндаи шӯъбаи маориф, ки он ҷо ҳузур дошт, сухан дод. Ӯ низ моро табрик гуфт ва сипас эълон кард, ки дар озмуни бахшида ба 30-солагии Ғалаба хонандаи синфи нӯҳуми мактаби шумо Муродов Абдумаҷид соҳиби ҷойи дуюм шудааст ва мукофотпулии барои ҷои дуюм муқарраршударо дар ҳаҷми 25 сӯм ба ман тақдим намуд. Он рӯз маро тамоми муаллимону ҳаммактабонам табрик мегуфтанду офарин мехонданд.

Воқеан, ба он 25 сӯм падарам якчанд сӯми дигар ҳамроҳ карданду бароям соати дастӣ харида доданд, ки хеле рамзӣ буд, зеро вай «Победа» ном дошта, онро айёми мактабхонӣ ва донишҷӯй буданам ҳамеша дар даст баста мегаштам.

Аз ҳамон вақт қарор кардам, ки рӯзноманигор мешаваму ба халқам хизмат мекунам ва бо таъсиси рӯзномаи «Садои мардум» армони деринаам амалӣ гардид.

Моҳи декабри соли 1990 ӯро дар рӯзномаи «Садои мардум» ҳамчун мусаҳҳеҳи масъул ба кор қабул карданд. Ба ин худаш исрор кард, зеро ҳанӯз таҷрибаи хабарнигории касбӣ ҳосил накарда буд, ҳарчанд ки даврони донишҷӯй буданаш дар рӯзномаи ноҳиявӣ маводи зиёдаш нашр шуда бошад ҳам.

Аввалин мақолаашро дар рӯзномаи «Садои мардум» ёд дорад: Аз хусуси фаъолияти Корхонаи чинибарории шаҳри Турсунзода мақолаи таҳлилӣ омода карда буд. Нашри ин мавод аз ҷониби роҳбарияти рӯзнома ва ҳайати таҳририя хуш пазируфта шуд. Баъд мақолаҳояш пайиҳам нашр шуд ва ӯро баъди андаке зиёдтар аз як сол ба вазифаи хабарнигори махсус гузарониданд. Соли 1994 донишу малакаи Абдулмаҷид Муродовро роҳбарияти рӯзнома ба эътибор гирифта, муҳаррири шӯъбаи иқтисод ва иҷтимоиёт таъин намуд. То соли 2006 баробар ба ин вазифа, ҳамзамон вазифаи директор оид ба тиҷорат ва муовини сармуҳаррирро бар зимма дошту аз ӯҳдаи иҷрои онҳо сарбаландона баромад. Аз соли 2006 инҷониб вазифаи муовини сармуҳаррир пурра бар зиммаи ӯст.

Дар доираи ваколатҳои бар зиммадоштааш роҳбаладии шӯъбаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор, ҳамчунин котиботи рӯзнома, ба ӯ вогузор аст.

Абдулмаҷид Муродов вазифаи ҷамъиятӣ низ дорад. Раиси кумитаи иттифоқи касабаи идораи рӯзнома аст. Ҳама –роҳбарият ва кормандони рӯзнома шоҳиданд, ки ӯ ӯҳдадориҳои бардӯшдоштаашро софдилона анҷом медиҳад, кам сухан мегӯяду зиёд кор мекунад, ки дар замони мо чунин касонро кам дучор мешавем.

- Ман ба кори зиёд анҷом додан аз хурдӣ одат кардаам, - мегӯяд ӯ. – Раҳматии падарам солиёни зиёд ҳисобчӣ ва сардори бригадаи пахтакорӣ буданд. Бинобар ин, мофарзандонаш субҳи содиқ пеш аз ҳама ба саҳро мерафтему дертар аз ҳама аз саҳро бармегаштем. Барои фаъолияти ғайратмандонаам соли 1975 маро бо нишони сарисинагии «Ғолиби мусобиқаи сотсиалистӣ» мукофотонида буданд.

Хеле солҳост, ки идораи рӯзнома, аниқтараш ҳуҷраи кораш, ба хонаи дуюми вай табдил ёфтааст. Аз як тараф саранҷом намудани кори зиёд, аз ҷониби дигар то бевақтии шаб идома ёфтани омодаю нашри шумораи навбатии рӯзнома, ӯро маҷбур месозад, ки баъзе шабҳоро дар ҳуҷраи кораш саҳар намояд.

Рӯзноманигорон, мисли дигар соҳибкасбон, расман реҷаи кору истироҳат доранд, вале ҳаргиз ба он амал карда наметавонанд. Илҳоми эҷодашон низ аз рӯзу шаб, аз кору истироҳат вобастагӣ надорад. Мисли он ки «саводи шоирӣ мактаб надорад, қалам парвои рӯзу шаб надорад». Тақозою талаби кори матбуот низ аз замони зуҳураш чунин аст. Аслан эҷодкордоне ба мисли Абдулмаҷид Муродов, ки чуноне зикр кардем мукаллафияти зиёде бар дӯшашон аст,



орому беташвиш ва бешитоб буда ҳам наметавонанд. Маҳз дар чунин ҳолат донишу малака ва таҷрибаи корӣ дасти онҳоро мегирад, зеро устоди касби хеш Абдулмаҷид Муродов дар кӯраи шабеҳ ба оҳангархонаи соҳа обутоб ёфтааст.

- Дар оғӯши рӯзномаи «Садои мардум» тӯли мавҷудияти на он қадар тӯлонӣ журналистони зиёд ба воя расиданд, ки аксарияташон устоди касб, фидоии соҳа буданд, -мегӯяд ӯ ва идома медиҳад:

- Ман аз ҳунари хомаронии Бахтиёр Муртазоев, Фотеҳи Абдулло, Ғаниҷон Ҷӯразода, Қурбон Мадалиев, Қироншоҳи Шарифзода ва дигар қаламкашони рӯзнома баҳра бурдаам, аз онҳо омӯхтаам. Афсӯс, ки аксари онҳо хеле зуд ба дигар рӯзномаҳо ва муассисаҳо даъват шуданду мо, ҷавонон, маҷбур будем, ки мустақилона кор карданро аз бар намуда, айёми душвори ибтидои солҳои навадум нашри рӯзномаро давом диҳем. Муваффақ ҳам гардидем ва барои ин аз устодони хеш як умр миннатдор ҳастем.

Ӯ умре дар шитобу серкор аст. Маводи шӯъбаҳои барояш вобастаро сатр ба сатр мехонаду ислоҳ мекунад, ҳангоми зарурат тағйиру иловаҳо ворид менамояд. Ба муаллифон эътимод дорад, вале диққат медиҳад, ки далелу рақамҳо боварибахш бошад. Баробари дигарон мавод иншо мекунад, ҳарчанд имкон кам даст медиҳад.

Шояд касе аз шумо савол диҳад: бо ин ҳама ӯ хаста намешавад?

Ин роҳи душвор, вале басо пурифтихори рӯзноманигориро худ интихоб кардааст у заррае аз он пушаймон нест. Аз он меболад, ки орзуяш амалӣ шудааст у ба ин васила ба ҷомеа нафъаш мерасад ва нонашро ҳалол карда мехӯрад. Кори зиёди ба зиммаашбударо ба касе миннат намекунад, бо хоксорию фурӯтанӣ ва ҳаммият фаъолият менамояд. Бо ҳама ҳамкорон чун бародару дӯст муносибат дорад. Мекӯшад ба пешаи сангин, вале мӯътабараш иснод наорад, қаламу коғази муқаддасро ҳамеша пок нигоҳбон бошад, зеро бузургон қаламу коғазро мӯъҷиза ҳукм кардаанд.

Ҳамсари меҳрубонаш Зебо ва писари ба ҷон баробараш Хушдил мекӯшанд сарвари хонадону падари меҳрубон, ки бевақтии шаб аз кор бармегардад, дар фурсати хеле каме, ки ҳамроҳашон аст, ҳам хастагиро фаромӯш созаду кӯфти роҳи дур ҳар чӣ зудтар рафъ шавад, зеро субҳи рӯзи дигар ӯ бо дуои модари пираш боз ба кор мешитобад ва то шоми дигар бесаброна омаданашро наздиконаш интизорӣ мекашанд.

Ин аст лаҳзае аз субҳу шоми зиндагии фидоии касб Абдулмаҷид Муродов – узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуот ва фарҳанги Тоҷикистон ва ниҳоят як инсони заҳматпеша, ки тӯли фаъолияти пурсамар нахустин маротиба аст ба ифтихори 100-солагии матбуоти тоҷик барои хонандагони рӯзнома муаррифӣ мегардад. Ӯро ба ҷашни матбуоти тоҷик муборакбод мегӯему ба рақами 100 расидани умрашро таманно мекунем.

Ба қавли шоир:

***Зи дарди нуқтасанҷӣ ҳар кӣ***
***огоҳ аст, медонад,***
***Ки маънӣ дар дил аввал хун шавад,***
***он гаҳ сухан гардад.***

Зиҳӣ, қаламкори қаламро накарда хору камгӯю фузункор!

***Мирзо РУСТАМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

# Ҳазорҳои дигар, эй «Садои мардум»-и мо, Садои бахт биёр аз барои мардуми мо!

## 20 СОЛИ «САДОИ МАРДУМ»

*29 августи соли 1990 бо Қарори Совети Олии РСС Тоҷикистон рӯзномаи «Садои мардум» таъсис ёфт.*

***

*6 октябри соли 1990 бо Қарори Совети Олии РСС Тоҷикистон Муродулло Шералиев сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» таъин гардид.*

***

*1 январи соли 1991 шумораи нахустини рӯзномаи «Садои мардум» аз чоп баромад.*

***

*27 сентябри соли 1997 шумораи 1000-умини рӯзномаи «Садои мардум» дастраси муштариён гардид.*

***

*25 июни соли 2001-ум 10- солагии рӯзномаи «Садои мардум» ҷашн гирифта шуд. Ҳайати эҷодии рӯзномаро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон табрик намуд.*

***

*Бахшида ба 10-солагии рӯзномаи «Садои мардум» соли 2001 дар нашриёти «Паёми Сомониён» таҳти унвони «Пайки истиқлол» китоби дастаҷамъӣ аз чоп баромад. Дар китоб беҳтарин очерку мақола ва шеъру ҳикояҳои қаламкашони рӯзнома ба табъ расидааст.*

***

*15 ноябри соли 2002 мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собиқ сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Шералиев Муродулло (пас аз марг) бо медали ҷашнии «10-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (даъвати дувоздаҳум) мукофотонида шуд.*

***

*28 декабри соли 2002 шумораи 1500-уми рӯзномаи «Садои мардум» ба дасти хонанда расид.*

***

*18 майи соли 2006 шумораи 2000-умини рӯзномаи «Садои мардум» интишор ёфт.*

***

*30 октябри соли 2009 шумораи 2500-уми рӯзномаи «Садои мардум» нашр шуд.*

***

*Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2008 котиби масъули рӯзнома Хушвахт Назаров бо медали «Хизмати шоиста» ва муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқии рӯзномаи «Садои мардум» Аъзам Мӯсоев бо унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» шарафёб гардиданд.*

***

*Муҳаррири шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кори рӯзномаи «Садои мардум» Тиллои Неккадам 14 феврали соли 2010 бо медали «За заслуги»-и Иттиҳоди ветеранҳои Афғонистони Федератсияи Россия қадрдонӣ шуд.*

***

*Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2011 мусаҳҳеҳи рӯзномаи «Садои мардум» Марзия Алиева бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шуд.*

***

*Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров 11 марти соли 2011 бахшида ба Рӯзи матбуоти тоҷик ба муовини аввали сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Неъматулло Солеҳов, муовини сармуҳаррир Абдулмаҷид Муродов, муҳаррири шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор Тиллои Неккадам, мусаҳҳеҳ Марзия Алиева, ҳуруфчинони рӯзномаи «Садои мардум» Тӯтиё Асалбекова ва Зебо Раҳимова Ифтихорномаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақдим намуд.*



## Ба ҳайати эҷодии рӯзномаи «Садои мардум»

**«...Бояд таъкид кард, ки давлат дар шароити нави таърихӣ барои камолоти матбуоти даврӣ шароити заруриро фароҳам меовард. Фаъолияти рӯзномаю маҷаллаҳо дар фазои демократия, тибқи қонунҳое, ки бо назардошти меъёрҳои байналмилалии озодии сухан қабул шудаанд, ҷараён дорад. Мо ин падидаро яке аз дастовардҳои низоми демократии ҷомеа меҳисобем. Демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ваҳдату якдилӣ, ободию созандагии Ватани ягонаи мову шумо, Тоҷикистони азиз, мавзӯъҳои асосии матбуоти кишвар, аз ҷумла «Садои мардум» гардидаанд.**

**Итминони комил дорам, ки минбаъд низ ба халқу сарзамини худ аз рӯйи назокатҳои касбӣ ва виҷдони покиза хизмат хоҳед кард.».**

**Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
*Аз Номаи табрикӣ бахшида ба даҳсолагии таъсисёбии рӯзномаи «Садои мардум»*



Суратгир А. ИСОЕВ

## Ҳамсоли истиқлол

Ба таъсисёбии матбуоти тоҷик расо 100 сол пур шуд. Бахшида ба ин санаи муҳими таърихӣ ҳайати эҷодии рӯзномаи «Садои мардум» шумораи махсуси ҷашниро тайёр ва ба дасти хонандагони сершумори хеш (теъдодашон имсол ба 26782 нафар расид) расонданд.

Соле қалб рӯзномаи «Садои мардум» зинаҳои бистуми камолоти хешро бо ифтихор ва масъулияти баланд тай намуд. Акнун барои таърихи матбуоти тоҷик 20 адад бастаҳои рӯзнома (солҳои 1991-2011) ҷамъ омадаанд, ки шоҳиди нахустин гомҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, расидан ба Ваҳдати миллӣ, қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоби умумихалқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маъракаҳои муҳими сиёсиву фарҳангӣ мебошад.

Рӯзномаи «Садои мардум» ҳамсоли Истиқлолияти кишвар буда, ифодагари орзую ормонҳои халқи тоҷик аст.

«Садои мардум» ба матбуоти тоҷик 21-соли охир ворид шуда бошад ҳам, дар ин муддати кутоҳ барои пешрафти ҷомеа хиссаи сазовор гузошта тавонист.

***Т.ФАРРУХПАЙ,***
***«Садои мардум»***

**ДАР СУРАТ: муҳаррири шӯъба Тиллои Неккадам (аз чап), Сармуҳаррир Ҷумъахон Наботов, муовини аввали Сармуҳаррир Неъматулло Солеҳов, мудири шӯъбаи компютерӣ Иван Самохин ва муҳаррири шӯъба Далер Мерганов шумораи нахустин - 1 январи соли 2012-и «Садои мардум»-ро аз назар мегузаронанд.**

## «Эҳтиромона хоҳиш дорам...»

*«... Вақте ки рӯзномаи парлумонии мамлакат «Садои мардум» таъсис гашт, вакилони халқ рӯзноманигор, олими барзида, тарҷумон, шахси ниҳоят ватандӯст ва фидокори миллат Муродуллоҳи Шерализодаро бо як овоз сармуҳаррири ин нашрия интихоб намуданд.*

*Роҳбари одамшинос, қадрдон, донишманд дар муддати кӯтоҳ эҷодкорони аҳлу тифоқи рӯзномаро ҷамъ намуд. Ӯ бо ҳамкорон ниҳоят хушмуомила буд ва ба тобеони худ «эҳтиромона хоҳиш дорам» -гӯён муроҷиат мекард. Ин муроҷиати ӯ хеле табиӣ ва самимӣ садо медод».*

***Бахтиёри Муртазо,***
***нависанда***

*«...Сармуҳаррари аввалини рӯзномаи «Садои мардум» Муродуллоҳи Шерализода рӯзноманигори асил, ҳақиқатҷӯ, шуҷоъ ва маҳкамирода аз мо – аҳли қалами идора боисрор ва эҳтиромона талаб мекард, ки ҳамеша ҳақиқатро нависем ва одил бошем...*

***Додоҷон Раҷабӣ,***
***нависанда***

*«Муродуллоҳи Шерализода соҳибистеъдод буд, забонро хуб медонист, эҷодиёташ таровати хос дошт. На танҳо радио ва телевизион, балки бисёр рӯзномаю маҷаллот ҳам навиштани мақолаҳои ҷиддиро бо майли тамом ба ӯ месупориданд...*

*Муродуллоҳ азбаски сатҳи фарох ва маънавиёти баланд дошт, дар интихоби дӯсту рафиқ ҳам аз дораи маҳалу миллат берун ҷаста буд»...*

***Ҳасан Дӯстзода,***
***номзади илмҳои таърих***



Муродуллоҳи Шерализода

# Мо ҳамеша сухани созандаву пешниҳодҳои судмандро ҷонибдорӣ мекунем

(Идома аз саҳ. 1)

«Бухорои Шариф» як соли пурра ҳам умр надид. Вале дар ҳамин муддати кӯтоҳ бо такя ба ҳадафи усулии худ барои ба соҳибони сарзамин фаҳмонидани моҳияту зарурати соҳибмулкӣ, роҳу равиши ворастан аз тангназарӣ ва дарёфти самти дурусти ҷаҳоншиносӣ, тавассути саводнокию маорифпарварӣ расидан ба ватандорӣ бо харҷи кӯшиши зиёд хидмати бесобиқа анҷом додааст.

«Бухорои Шариф» чун нахустрӯзномаи миллӣ барои ба миён омадану фаъолият намудани нашрияҳои минбаъдаи тоҷикӣ – «Шӯълаи инқилоб», «Овози тоҷик», инчунин дигар рӯзномаву маҷаллаҳои дузабонаи Мовароуннаҳр ҳамчун заминаи боэътимод, аз нигоҳи касбият ба ҳайси роҳнамо ва мактаби эҷодӣ зоҳир гардид.

Корномаву таҷрибаи эҷодии муассисон, муҳаррирон ва муаллифони «Бухорои Шариф» дар таърихи матбуоти тоҷик бесобиқа буда, басо сабақомӯз ва намунаи ибрат мебошад.

Боиси хушист, ки аҳли қалам, хоса рӯзноманигорони мо дар даврони истиқлолияти кишварамон ба анъанаҳои суханофарии созандаи саромадони матбуоти тоҷик пайравӣ намуда, дар роҳи иҷрои вазифаҳои касбии хеш баҳри ватандориву ободии мулк орзую ормонҳои онҳоро амалӣ мегардонанд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯзи матбуот эълон гардидани зодрӯзи «Бухорои Шариф» нишони арҷгузорӣ ба ҳиммату хидматҳои ин нахустин рӯзномаи тоҷикӣ мебошад.

Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон низ шароит барои фаъолияти шаффофи расонаҳо, аз ҷумла воситаҳои ахбори оммаи мустақил фароҳам аст ва дар ин замина фазои ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад. Тибқи иттилои расмӣ, айни ҳол дар саросари мамлакат зиёда аз 292 рӯзнома ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 104-тои он рӯзномаҳои давлатӣ ва 188-тои дигар ҷамъиятиву хусусӣ мебошанд.

Ҳамчунин дар ҷумҳурӣ 154 маҷалла расман фаъолият дорад, ки аз ин теъдод 72 маҷаллаи давлатӣ ва 82-то ҷамъиятиву хусусӣ мебошанд.

Дар кишварамон боз 10 оҷонсии иттилоотӣ фаъолият дорад, ки аз ин шумора танҳо яктои он оҷонсии давлатӣ мебошад.

Дар замони муосир ва қарни XXI, ки асри техникаву технология эълон шудааст, мавҷуд будан ва фаъолият доштани чунин расонаҳо, аз ҷумла расонаҳои электронӣ дар мамлакат ба манфиати кор буда, барои рушду нумӯи соҳаҳои гуногуни мамлакат мусоидат менамоянд. Ман дар симои ҳар яки шумо, намояндагони расонаҳои гуногуни давлативу ғайридавлатӣ, созандагону ободкунандагони сарзамини миллати кӯҳанбунёди тоҷикон, яъне Тоҷикистони азизро мебинам.

Бо таваҷҷуҳ ба он ки дар кишвари мо теъдоди зиёди расонаҳо арзи ҳастӣ намуда ва фаъолияти ҳамаи ниҳодҳо тавассути ин расонаҳо ба мардум таблиғ мегардад, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тайи солҳои охир ҳамкориро бо тамоми расонаҳо ва дигар воситаҳои ахбори омма густариш додааст, ки ин равандӣ ҳамкорӣ барои ба таври шаффоф инъикос ёфтани фаъолияти Маҷлиси намояндагон дар расонаҳо мусоидат мекунад. Аз сӯйи дигар, мо низ натиҷа ва самараи ин ҳамкориро эҳсос менамоем. Парлумони касбии мамлакат ҳамеша дар пайи он аст, ки равобит бо воситаҳои ахбори оммаи мамлакат ва дигар расонаҳое, ки дар дохили кишвари мо намояндагӣ доранд, тақвият ёбад. Дар ин замина мо талош дорем, ки фазои боз ҳам мусоидтареро барои фаъолияти тамоми расонаҳо дар қаламрави мамлакати худ фароҳам биёрем.

Тавре шумо огоҳ ҳастед, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот» муддати як сол аст, ки дар муҳокимаи умум қарор дорад ва ин лоиҳа дар асоси тавсия ва пешниҳодҳои намояндагони воситаҳои ахбори оммаи гуногун такмил дода шуда, барои баррасӣ ва қабул ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод хоҳад шуд ва ман мутмаин ҳастам, ки таклифу пешниҳодҳои ҳар яки шумо барои такмили ин лоиҳа кӯмак хоҳад кард.

Баргузор кардани муҳокимаҳои парлумонӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯъҳои гуногун, ки дар он намояндагони тамоми расонаҳои давлативу ғайридавлатӣ иштироки фаъолона доранд, гувоҳи он аст, ки ҳамкориҳои мо бо шумо дар сатҳи даркорӣ ба роҳ монда шудааст. Муҳокимаҳои парлумонӣ вобаста ба масъалаҳои мухталиф, бо мақсади ба таври ошкору шаффоф пешниҳод намудани фаъолияти вазорату идораҳои гуногуни кишвар ҷиҳати сарфакорона ва ба ҳадафҳои муайяншуда истифода намудани маблағҳои буҷетӣ, амалӣ хоҳанд шуд. Ин, аз як тараф, агар масъулияти роҳбарони ин ниҳодҳоро дар робита ба истифодаи самарабахши маблағҳои буҷетӣ бештар намояд, аз сӯйи дигар маълумоти дақиқу дурустро дастраси шумо мегардонад. Вобаста ба ин, мо тасмим гирифтем, ки шумораи муҳокимаҳои парлумониро доир ба мавзӯъҳои мушаххас дар Маҷлиси намояндагон афзоиш диҳем. Қаблан дар Маҷлиси намояндагон муҳокимаҳои парлумонӣ дар як сол танҳо як маротиба гузаронида мешуданд ва ҳоло бошад ин шумора ба 13 расидааст.

Имрӯз мардум дар симои рӯзноманигор мададгор ва пуштупаноҳи худро суроғ мекунад. Аз ин рӯ, бештари маврид мардум тариқи расонаҳои хабарӣ бароиислоҳи хатову камбудиҳо ба матбуот муроҷиат менамоянд.

Бо шарофати истиқлолият имрӯз низоми матбуот низ дигаргун шудааст. Сарфи назар аз набудани имконоти ҳаматарафаи чопи рӯзмарраи нашрияҳо, метавон гуфт, ки матбуоти даврии тоҷик дар пур кардани фазои иттилоотӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа нақши муҳим дорад. Ҳамчунин матбуот дар бозгӯ, ташреҳ ва таҳлилу баррасии ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ ва ба ин минвол баланд бардоштани дараҷаи огоҳии иттилоотӣ ва маърифати мардум нақши созгор дорад.

Матбуот дар ҳама гуна кишвар бояд дар ҳақиқат ҳукумати чаҳорум бошад ва шумо дар фаъолияти худ бояд исбот карда тавонед, ки зимоми ин гуна ҳукуматро дар даст доред ва ҳамзамон бояд мутмаин бошед, ки суханони шумо ҳақиқатан ҳам дар зеҳни афроди ҷомеа таъсиргузор хоҳад буд. Танҳо дар чунин ҳолат мустақилияти шумо таъмин ва маводи нашрнамудаатон ҳадафрас хоҳад буд. Парлумони касбии мамлакат ба ҳеҷ ваҷҳ садди роҳи фаъолияти воситаҳои ахбори омма нахоҳад шуд ва мо ҳеҷ гуна мушкилот дар ин самт барои шумо эҷод нахоҳем кард, баръакс, Маҷлиси намояндагон омодаи ҳамкорӣ бо ҳамаи расонаҳо ва дигар воситаҳои ахбори омма мебошад.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша сухани созандаву пешниҳодҳои судмандро ҷонибдорӣ мекунад, сарфи назар аз он, ки ин пешниҳодҳо аз сӯйи кадоме аз табақаҳои ҷомеа ба унвони мо ирсол мешаванд. Аз ин рӯ, дар сурати ироаи чунин таклифҳои созандаву пешниҳодҳои манфиатовар аз ҷониби хабарнигорони воситаҳои ахбори оммаи гуногуни давлативу ғайридавлатӣ мо аз онҳо пуштибонӣ хоҳем кард. Барои расидан ба ҳадафҳои созанда мо пешниҳод менамоем, ки шумо барои саҳм доштан дар пешрафт ва ривоҷу равнақи соҳаҳои гуногуни мамлакат фаъолтар муносибат намоед ва дар ин замина маводеро таҳия ва мунташир созед, ки муғризона набошанд, яъне фаъолияти ҳамаи ниҳодҳо, аз ҷумла парлумони касбии мамлакат дар эҷодиёти шумо бояд ба таври шаффоф инъикос ёбад.

Вобаста ба пешрафт ва тараққиёти тамоми соҳаҳои мамлакат ва дар доираи талаботи замон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷиҳати устувор гардонидани мавқеи худ дар миёни ҷомеаи байналмилалӣ ва барои тақвияти мавқеъ ва обрӯву иззати хеш дар миёни парлумонҳои кишварҳо ва созмонҳои хориҷӣ солҳои минбаъдаро соли таҳияи сифати қонунҳо эълон кардааст, ки ин навъи ба роҳ мондани кор масъулияти вакилони Маҷлиси намояндагонро ҷиҳати таҳия ва қабули қонунҳои сифатан олӣ бештар мегардонад. Фаъолияти вакилони Маҷлиси намояндагон, ки нисбат ба солҳои қабл ҷиддитар ба роҳ монда шудааст, гувоҳи он аст, ки парлумони касбии мамлакат барои расидан ба ин мақсадҳо қадамҳои устуворро аллакай гузоштааст. Қонунҳо вақте муносиб ва мувофиқ мешаванд, ки манфиат ва рӯҳияи халқро ифода карда тавонанд. Ин дар сурате ба амал меояд, ки вакилон ҳоли халқро хуб дарк намоянд.



*Ҳайати эҷодӣ ва кормандони рӯзномаи «Садои мардум» баъди вохӯрӣ бо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров барои хотира сурат гирифтанд.*

Маҷлиси намояндагон бояд бо аҳли ҷомеа робитаи ҳар чӣ наздик дошта бошад, яъне сухани қонун аз адолати иҷтимоӣ, ҳақиқат, орзую ормонҳои волои мардум, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон сарчашма гирад. Дар ин росто, вазифаи мо ин аст, ки дар баробари таҳия ва қабули қонунҳо бояд барои омода намудани рӯҳияи ҷомеа ҷиҳати пазируфтани қонунҳои мазкур мусоидат намоем, яъне вакилони Маҷлиси намояндагон моҳияти ин қонунҳоро бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ва мустақиман, зимни мулоқоту вохӯриҳо, ба мардум фаҳмонанд.

Ман, ҳамчун Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонам бо боварӣ изҳор намоям, ки қонун ва дигар санадҳое, ки мо тайи солҳои охир таҳия ва қабул кардаем, посухгӯйи ҳам ниёзҳои мардуми худ ва ҳам меъёрҳои байналмилалӣ буда метавонанд.

Мо нақшаҳои зиёде дорем, аммо дар як лаҳзаи кӯтоҳ имкони амалӣ кардани онҳо вуҷуд надорад. Барои ин аҳли ҷомеа бояд омода карда шавад, сатҳи дониши ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта шуда, тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ барои чунин низоми фаъолият омода ва саъю талош дошта бошанд.

Хабарнигорони гиромӣ, ҷараёни фаъолияти Маҷлиси намояндагон ҳамеша дар мадди назари шумо ва аҳли ҷомеаи Тоҷикистон қарор дорад. Ҳукумати ҷумҳурӣ ва шахсан Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати беҳбудии шароити фаъолияти вакилон ҳамеша таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Дар ҷараёни фаъолият миёни парламенти касбии мамлакат ва мақомоти давлативу ҳукуматӣ ҳусни тафоҳуми мутақобила мавҷуд аст. Аз ҳама муҳимаш, миёни вакилон ва интихобкунандагон ва ҳамаи қишрҳои ҷомеа муносибати наздик ва ҳамкорӣ барқарор шудааст. Парламент дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои сиёсӣ - иҷтимоии ҷомеа мусоидат менамояд.

Дар хотимаи мулоқоти имрӯза ёдовар мешавам, ки парламент мактаби камолоти зиндагист ва коршиносони соҳаи ҳуқуқ парламентро институти сиёсӣ номида, онро ифодакунандаи ҳуввияти миллӣ донистаанд. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идомаи фаъолияти худ ҳадафҳои зиёде дорад, ки ба назари мо, ҷомаи амал пӯшидани ин ҳадафҳо дар ҳамкорӣ бо шумо, намояндагони воситаҳои ахбори омма, муяссар хоҳад шуд. Бори дигар таъкид менамоям, ки парламенти касбии мамлакат ҳамеша омодаи густариши ҳамкорӣ бо шумо аст ва густариши равобит бо расонаҳо ба нафъи ҳар ду ҷониб хоҳад буд.

Бо умеди тақвияти ҳамкориҳои созанда ва ҳусни тафоҳуми байниҳамдигарӣ ҳамаи шумо, намояндагони мӯҳтарами воситаҳои ахбори оммаи дохил ва хориҷи кишварро ба муносибати 100 – солагии рӯзи таъсисёбии нахустин рӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» ва Рӯзи матбуот самимона табрику таҳният мегӯям. Андеша ва пешниҳодҳои шумо дар рушду нумӯи соҳаҳои гуногуни кишвар нақши арзанда дорад. Боварӣ дорам, ки шумо, ҳамчун ворисони таъсисдиҳандагони нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар густариши фарҳангу тамаддуни миллати хеш саҳми пурарзиш хоҳед гузошт.

# Дар халқаи мо кист, ки мафтуни қалам нест,
# В-аз аҳли қалам кист, ки ҳамхуни қалам нест.

100-СОЛАГИИ МАТБУОТИ ТОҶИК 1912 2012 11 март


Суратгир А. ИСОЕВ

**Пеш аз чоп ва баъди ба дасти хонандагон расидани шумораи тозаи рӯзномаи «Садои мардум» сармуҳаррири рӯзнома Ҷумъахон Наботов, муовинони сармуҳаррир Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов ва навбатдори шумора муҳаррири шӯъбаи рӯзномаи «Садои мардум» Тиллои Неккадам бурду бохти дастранҷашон- шумораи ҷашнии ба «Рӯзи модар» бахшидашударо баррасӣ мекунанд. Дар баробари ин, мӯҳтавои шумораи ояндаро низ таҳрезӣ менамоянд.**

Чуноне Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барҳақ фармудааст: «Нури маърифате, ки аз равзанаи матбуот зиёиёни миллат равшан карда буданд, то ба имрӯз дилу дидаи ҳазоронро мунаввар месозад».

Бояд гуфт, ки рӯзномаи «Насими Исфара» (собиқ «Коммунисти Исфара») дар байни рӯзномаҳои шаҳрию ноҳиявии вилояти Суғд ягона ва беҳтарин нашрияе мебошад, ки мазмуну мӯҳтавои ҷолиб ва ороиши аҷиб дошта, ҳафтае як маротиба бо теъдоди 5300 нусха нашр мешавад. Беҳуда нест, ки рӯзномаи мазкур дар чандин озмунҳои доирнамудаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ҳамеша мақоми аввалро ишғол мекунад. Се соли охир бозгӯйи ғайрату тавоноии аҳли қалами он мебошад. Боиси сарфарозист, ки шаш нафар эҷодкорони рӯзнома Аълочии матбуоти Тоҷикистон буда, ду нафар барандаи Ҷоизаи вилоятии ба номи Ҳоҷӣ Содиқ ва ду нафар Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Дар соли 2011 Субҳиддин Сайфиддинов «Рӯзноманигори сол»-и вилояти Суғд ва Абдумуталлиб Шарифов «Рӯзноманигори сол»-и Исфара гардиданд.

-Нашрияи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара-рӯзномаи «Насими Исфара», ки 80-сола мешавад, солнома ё таърихчаи шаҳри бостониву тозаҷавони Исфара ва тақдирномаи мардуми бофарҳангу некназари он маҳсуб меёбад. 24 апрели соли 1932 ба табъ расидани нахустин шумораи он дар ҳаёти мардуми Исфара падидаи неку хушоянде будааст ва он минбаъд ҳам дар роҳи нашъунамо ва такомули пайгирона қарор доштааст,-мегӯяд муовини раиси шаҳри Исфара Нуриддин Каримов, ки бахши рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси шаҳрро ба ӯҳда дорад.

-Бо ҳисси эҳтиром ва самимият месазад ин лаҳзаҳо ному насаби нахустин муҳаррири рӯзнома Ибниямин Исоматдинов, нахустин котиби масъул Сангинхон Саримсоқов ва нахустин хабарнигорони он Ӯлмасхӯҷа Сиддиқов ва Тӯрахӯҷа Иброҳимовро ба забон овард,-афзуд Н.Каримов.

Дар кори маълуму машҳур ва ба боварию эътимоди мардум сазовор гаштани рӯзномаи «Насими Исфара» чандин насли қаламкаши ин марзи куҳанбунёд заҳмати бисёри шабонарӯзӣ ба харҷ додаанд. «Коммунисти Исфара»-ро, ки ба шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон номи «Насими Исфара» гирифт, дар тӯли солиёни зиёди мавҷудияташ қаламкашони зиёде сарварӣ кардаанд, ки Ибиниямин Асоматдинов, Абӯбакр Атохонов, Тӯрахӯҷа Иброҳимов, Ғаниҷон Муллоев, Нозимҷон Бобоев, Луқмониддин Камолиддинов ва Мавлониддин Пӯлодов аз ҳамин қабил мебошанд.

Замоне рӯзноманигорони варзида шодравонҳо Ортиқ Қурбонов, Ҳошимҷон Бобоҷонов, Абдумаҷид Тулаков, Григорий Константинович Теличкан, Абдуҳамид Ваҳҳобов, Нусратулло Неъматов, Абдусамеъ Қуддусов, Мамадҷон Ибромов тамоми ҳастии хешро барои баланд бардоштани эътибори рӯзнома ва рангин гардидани мазмуну мӯхтавои он сарф кардаанд.

Аз нахустин нафасҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон рӯзномаи мазкурро журналисти шинохта, Аълочии матбуот ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Судуриддин Маҳкамов сарварӣ мекунад. Ҷавобгӯйи замони истиқлол будани рӯзнома, дороии нигоришу мӯхтавои хонданӣ ва ороиши дидании рӯзнома, аз теъдоди хеле ночиз наздик ба 6 ҳазор расидани теъдоди он саҳми ин қаламкаши масъулиятшинос кам нест.

-Шукр мегӯем, ки «Насими Исфара» аз файзу баракат ва ғамхориҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара дар байни дигар рӯзномаҳо мавқеи хос пайдо кардааст,-мегӯяд Судуриддин Маҳкамов ва ба суханонаш ҳамчунон меафзояд:

-Дар кӯраи оташи ин користон дар давраи Истиқлолият чандин қаламкашони боистеъдод, ба монанди Болтахӯҷа Саидшоев, Владимир Мартиненко, Субҳиддин Сайфиддинов, Абдумуталлиб Шарифов, Набиҷон Худойбердиев обутоб ёфта, содиқона сӯйи камолоти эҷодӣ роҳ мепаймоянд.

Мо тамоми қувваю ғайрати эҷодии худро баҳри он равона месозем, ки бо дарки дурусти рӯҳу тақозои замон пайи иҷрои вазифа қадам бардошта, дар кори ободу зебо намудани Исфараи нозанин, ки як пораи зебои Ватани азизамон - Тоҷикистон аст ва беҳдошти рӯзгори мардуми шарифу сарбаландаш саҳми босазои худро мегузорем,-мегӯяд ӯ.

Осорхонаи мунаққаши рӯзнома бо забони рӯзномаҳои бо мурури солҳо зардгашта ва расмҳои зиёд ба муштариён аз таърихи 80 соли он ҳикоят мекунад.

Ҷашни фирӯз муборак, ҳамкасбони азиз!

*Ҳусейни НАЗРУЛЛО,*
*«Садои мардум»*

## Ҷашнвора

# Равшанибахши дилҳо- «Насими Исфара»

**Соли 2012-ро барои матбуотчиёни Тоҷикистон метавон соли таҷлили ҷашнвораҳо ва бузургдошти қаламкашоне номид, ки дар рушду нумӯи журналистикаи тоҷик ва табъу нашри кишварамон саҳми босазо гирифтаанд.**

**Аҳли зиёи кишвар 11-уми март 100-умин солгарди матбуоти тоҷик ва нашри нахустин шумораи рӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф»-ро бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мекунанд.**

**«Насими Исфара» аз ҳамин қабил маҳсуб ёфта, 24 апрели соли равон 80-сола мешавад.**

## Аёдати журналист

# Аз газетаи кӯчаки деворӣ то газетаи бузургтар



**Рӯзноманигори собиқадор, Корманди хизматнишондодаи маданияти РСС Тоҷикистон Музофир Илолов расо 55 соли ҳаёташро сарфи матбуоти тоҷик намудааст. Фаъолияти рӯзноманигориашро пас аз хатми университет, аз соли 1955 дар рӯзномаи «Бадахшони советӣ» оғоз намуда, 11 январи соли 2011 аз рӯзномаи «Маърифати Шуғнон» (пас аз таҷлили ҷашни 80 - солагии зодрӯзаш) ба истироҳат баромад.**

**Алҳол дар иҳотаи фарзандону набераҳон давлати пирӣ меронад. Дар арафаи ҷашни 100 - солагии матбуоти тоҷик бо ветерани матбуоти Бадахшон Музофир Илолов вохӯрдем.**

**- Устод, меҳри касби журналистӣ дар дилатон аз кай ҷой гирифт, нахустин устодатон кӣ буд ва чакидаҳои шогирдонаатон дар кадом рӯзнома рӯйи чоп омад?**

- Меҳри ин касб, баъзеҳо онро қаламкашӣ ҳам мегӯянд, ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Хоруғ, аз соли 1946 ҷой гирифта буд. Хабарҳои нахустинам дар рӯзномаи вилоятии «Бадахшони сурх» чоп мешуд. Ба ин касб ҳамкурсонам дар омӯзишгоҳ Мӯсоят Шерғозиев (ҳоло устоди ДДОТ ба номи С. Айнӣ), номзади илмҳои таърих ва Насратшо Таваллоев (рӯҳаш шод бод), солиёни зиёд мудири шӯъбаи бахши дарии Радиои Тоҷикистон, Журналисти шоистаи Тоҷикистон буд, мусоидат карданд.

Илова бар ин, Мамадалишоҳ Ҳайдаршоҳ дар курсҳои боло мехонд ва ҳамроҳи шарикдарсаш Давлатназар Хушназаров, ки ҳунари рассомӣ дошт, газетаи деворӣ мебароварданд. Муаллими математикаи мо дар омӯзишгоҳ Зайдулло Назиров рассоми хубе буд ва чун роҳбари синф газетаи деворнии худро мебароварданд. Умуман, дар омӯзишгоҳи мо миёни газетабаророн як навъ мусобиқа буд. Шеъру мақолаҳо ва хабарҳои мо- донишҷӯён пеш аз ҳама дар ҳамин газетаи кӯчак чоп мешуд. Баъдҳо ба газетаи бузургтаре роҳ ёфтем.

**- Аз омӯзгорони Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Хоруғ чӣ хотираҳо боқӣ мондааст? Кадоме аз устодон ин истеъдодатонро дастгирӣ мекард?**

- Албатта, вакте ки хабар ё мақолаи хурдакаки ман дар рӯзномаи «Бадахшони сурх» чоп мешуд, ҳамаи омӯзгорон хурсанд шуда, аз ин хусус дар ҷамъомади пагоҳирӯзӣ иттилоъ медоданд.

Махсусан, ғамхории падаронаи муаллими забон ва адабиёти тоҷик Абдуллоев Акобиршо, серталабии директори омӯзишгоҳ муаллими фанни география Шерон Мамадшоев ва дигарон ба ман пару бол мебахшид. Баъди дарсҳо муаллимон то соати 11 шаб навбатдорӣ карда, ба донишомӯзиамон назорат мекарданд. Реҷаи таълим, хӯрокхӯрӣ, истироҳат ва хоб хеле қатъӣ буд ва дар ҳама ҳолат риоя мешуд. Ҳамаи ин буд, ки ҳафт нафар дастпарварони омӯзишгоҳ баъдҳо донишҷӯёни Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин шуданд.

Аз курси саввум, баъди рухсатии академӣ, Маҳмадалишоҳ Ҳайдаршоҳ ба мо ҳамроҳ шуд. М. Ҳайдаршоҳ таҷрибаи бештари зиндагӣ ва журналистӣ дошт ва ҳангоми донишҷӯӣ мақолаву хабарҳояш хеле зиёд, бахусус дар матбуоти ҷумҳуриявӣ, чоп мешуд.

Баъди хатми университет аз рӯйи тақсимоти Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон бояд ба ноҳияҳои ҷумҳурӣ тақсим мешудем, зеро муаллимон дар деҳот намерасиданд. Аммо Кумитаи марказии ЛКСМ Тоҷикистон (бо розигии Вазорати маориф) даҳ нафар хатмкунандагон – филологҳоро ба кори матбуот ҷудо кард. Ба ин рӯйхат ман ва Мамадалишоҳ Ҳайдаршоҳ низ дохил будем.

Боре ҳамроҳи М. Ҳайдаршо аз назди фаввораҳои назди меҳмонхонаи Вахш гузашта, муҳаррири рӯзномаи «Бадахшони советӣ» Назаршо Исломовро дучор шудем. Вай Ҳайдаршоро хуб мешинохт ва нақшаҳои ояндаамонро пурсид. Чун донист, ки ҳанӯз ба хулосае наомадаем, каме фикр карду гуфт:

- Биёед, ман ҳардуятонро ба кор мегирам.

Устод Назаршо Исломов дар даст бланкаҳои сафарҳои хизматӣ ва мӯҳру штампи нав дошт, зеро ҳамон рӯзҳо рӯзномаи вилоятӣ аз «Бадахшони сурх» ба «Бадахшони советӣ» табдили ном кард. Аз ин рӯ, муҳаррир мӯҳру штамп ва бланкаҳоро дар пойтахт нав карда буд.

Ҳамин тавр, нахустин шуда, мӯҳр ва штампи нав ба ҳуҷҷатҳои мо пахш гардид. Аз якуми сентябри соли 1955 чун мухбири рӯзномаи «Бадахшони советӣ» ба кор қабул шудем.

**- Оғози кор дар идораи рӯзномаи «Бадахшони советӣ» чӣ ранг сурат гирифт?**

- Мо дар фармон чун мухбир ба кор қабул шудем, аммо устод Исломов Назаршо фармуданд, ки корро аз мусаҳҳеҳӣ ва нусхахонӣ оғоз намоем, то ин ки кори рӯзномаро хубтар омӯзем. Ҳайдаршоҳ мусаҳҳеҳ буду ман матнро гӯш мекардам. Баъди чанд вақт вай ба котибот гузашту ман ба шӯъбаи хоҷагии қишлоқи рӯзнома. Баъдҳо ходими шӯъбаи партиявии «Бадахшони советӣ» будам.

Рӯзҳои нахустини кориам аз дастгириҳои муҳаррир Назаршо Исломов, Нишон Ҳамроҳ, Нодир Шанбезода, Қаноат Мусоятов,Шонасимӣ Шоқирғизов ва дигарон бархӯрдор будам. Ин устодони қалам хеле сахтгир, вале дар баробари ин меҳрубону дилсӯз буданд.

Махсусан, устод Н. Исломов мо-ҷавононро дастгирӣ мекард, тез-тез ба сафарҳои хизматӣ мефиристонд. Агар ба сари ягон журналисти рӯзнома «бадбахтие» ояд, пеш аз ҳама ба ҳимояаш мехест.

**- Шумо сафари хидматии нахустинатонро дар ёд доред?**

- Бале. Соли якуми фаъолиятам дар рӯзномаи «Бадахшони советӣ» устод Н. Исломов маро дар ҳайати бригадаи обкоми вилоятӣ даҳ рӯз ба ноҳияи дурдасти Мурғоб ба сафари хизматӣ фиристонд, лекин бо даҳолати лектору инструктори обком бист рӯз дар Мурғоб мондему тамоми деҳоти ин ноҳияро гашта, бо мардум сӯҳбат доштем.

Ман бо маводи фаровон аз Мурғоб баргаштам ва қариб ним сол аз ҳаёти мардуми ин диёри хунукиҳо мақола, гузориш ва репортажҳо чоп кардам. Қариб ҳар моҳ ҳаққи қалами хуб мегирифтам.

**- Солҳои охир фаъолияти эҷодиатон бо рӯзномаи «Маърифати Шуғнон» сахт марбут аст. Чаро ҷойи кори худро аз рӯзномаи вилоятӣ ба ноҳиявӣ иваз кардед?**

- Рӯзномаи «Коммунисти Шуғнон» (ҳоло «Маърифати Шуғнон») соли 1986 таъсис ёфт ва маро ба вазифаи муовини сармуҳаррир ба кор даъват карданд. Рӯзнома навтаъсис буд ва мо бояд кори онро ҷоннок мекардем. То соли 1991 дар ин вазифа кор карда, рӯзномаро аз ҳар ҷиҳат пеш бурдем.

Шогирдони навро тарбия кардем. Насли ҷавони журналистон рӯйи кор омаданд ва мо эстафетае, ки устод Назаршо Исломов ба мо супурданд, тавассути ин ҷавонҳо давом додем.

Минбаъд дар вазифаҳои мудири шӯъба ва котиби масъули рӯзномаи «Маърифати Шуғнон» то 11 январи соли 2011 кор карда, бо собиқаи 55 - солаи матбуот ба нафақа баромадам.

Алҳол дар зодгоҳам - деҳаи Ёмҷи ноҳияи Шуғнон зиндагӣ мекунам.

**- Имсол журналистони тоҷик 100 - солагии таъсиси матбуоти тоҷикро ҷашн мегиранд. Шумо чун журналисти аз ҳама солор ва собиқадор, ба насли имрӯзаи журналистон чӣ гуфтанӣ доред?**

- Азбаски матбуоти мо 100 - сола мешавад, пеш аз ҳама мехостам номи устоди тамоми журналистони солҳои 50-80-уми Бадахшон Назаршо Исломовро ба забон гирам. Ин марди сарсупурда 18 соли расо вазифаи муҳаррири рӯзномаи «Бадахшони советӣ»-ро сарбаландона иҷро карда, рӯзномаро хеле ҷолиб, хонданӣ ва теъдоди нашрашро сол то сол зиёд мекард. Махсусан, дар тарбияи шогирдон – журналистони Бадахшон саҳми бағоят бузург дошт.

Ҳамчунин исмҳои устодон ва дигаронро бо некӣ ёд кунем, зеро онҳо журналистоне буданд, ки дар инкишоф ва тарбияи насли имрӯзаи қаламкашон хизмати арзанда кардаанд.

**- Ташаккур барои сӯҳбат. Садсолагии рӯзи матбуоти тоҷикро барои шумо муборак мегӯям.**

*Таҳияи*
*Тиллои НЕККАДАМ,*
*«Садои мардум»*



## Қалам

*Қалам дар дасти ман нақши нигин аст,*
*Забони найшакарро ангубин аст.*
*Симои дафтарамро нур дода,*
*Ба дарёи хаёлам шур дода.*
*Агар як дам забонам нур резад,*
*Зи дил гӯё, ки сад наврӯз хезад.*
*Сухан оби ҳаёти хомаи ман,*
*Зи умри ҷовидонӣ номаи ман.*
*Забонашро чу ёди тоза ояд,*
*Варақро чун замини нав кушояд.*
*Ҷаҳони тозае дигар биёбам,*
*Ҷаҳонро ҷониби ҷаннат шитобам.*

*Исо РАҲИМ*

## Шахсиятҳои сиёсӣ дар бораи матбуот



*«Мардуми мо ба матбуот эътимоду ба сухани чопӣ эътиқод доранд. Ба боварию эҳтироми халқ сазовор шудани аҳли қалам натиҷаи меҳнати фидокоронаи чандин насли рӯзноманигорони тоҷик аст».*

*Эмомалӣ РАҲМОН,*
*Президенти*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*



*«Рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё ки забон надорад. Яъне, қавми бе рӯзнома мисли одами бе забон аст».*

*Садриддин АЙНӢ,*
*Қаҳрамони Тоҷикистон*



*«Журналист бешаку шубҳа фигуранти асосии даврони мо ба шумор меравад. Ҳоло ягон ҳодисаро дар ҷамъият бе иштироки журналист ва аниқтараш, бе ҳамдастии ӯ, тасаввур кардан амри маҳол аст.*

*Журналист шахсияти миқёси ҷаҳонӣ ва агар мехоҳед, қаҳрамони даврони мост».*

*Чингиз АЙТМАТОВ,*
*Қаҳрамони Меҳнати*
*Сотсиалистӣ*



*«Ман метавонам аз 10 журналист 10 вазир созам, аммо аз 10 вазир 1 журналист сохтанаш дар гумон аст».*

*Отто фон Бисмарк,*
*Кантслери якуми*
*империяи Германия*

# Дӯстонро мабар аз ёду фаромӯш макун!



**«...Ашӯр Ҳалимов инсони ниҳоят ҳалим, камгап, хушкор ва хоксор буданд. Он кас, ҳаргиз худнамоӣ ва ҳақталабӣ намекарданд. Аз ҳамин хотир касе, ки саодати бо ӯ кор кардан ё ҳамнишин будан доштааст, ин марди шарифро ба некӣ ёд мекунад ва эҳсос менамояд, ки Ашӯр Ҳалимов аз қофилаи ватандӯстон буд, на миллатгароён».**

*Мазҳабшо МУҲАББАТШОЕВ,*
*сармуҳаррири «Тоҷикистони советӣ»*
*дар солҳои 1986-1995*

### Ӯ шамъи маҷолиси сухан буд
*(Ба хотираи Бӯринисо БЕРДИЕВА)*



*Ӯ, ки ба газета роҳбарӣ дошт,*
*Аз рози замона дафтаре дошт.*
*Дар тозагии забон ту гӯйӣ,*
*Бар мо ҳама ҳаққи модарӣ дошт.*

*Бо аҳли қалам зи ғам ҳамегуфт,*
*В-аз дарди қалам на кам ҳамегуфт.*
*Гар шеъри таре бихонд шоир,*
*«Сарсабз туро қалам» ҳамегуфт.*

*Аз шоиру олимон дар он вақт,*
*Орост чӣ маҳфили гуворо.*
*Ӯ шамъи маҷаллаи сухан буд,*
*Парвонаи ӯ – зи ҷамъи доно...*

*Исо РАҲИМ*



### Ба дӯсти деринаам Басир РАСО
*(Сармуҳаррири маҷаллаи «Хорпуштак»)*

*Пире, ки норасо нест,*
*Бо қомати дуто нест.*
*Дар панҷааш асо нест,*
*Ғайр аз Басир Расо нест!*

*Бозор СОБИР*



### Ба рӯзноманигори машҳур, рафиқи ҷавониям Мазҳабшо, ки тахаллусаш Хуршед буд

*Бо панҷа, ки мӯй шона мекард мудом,*
*Андешаи шоирона мекард мудом.*
*Хуршеди азиз дар димоғам бӯи*
*Ранги тари чопхона мекард мудом.*

*Бозор СОБИР*

*...Ҷуз ба авроқ қалам рондани ту нест ба ёд,*
*Ба замин сахт қадам мондани ту нест ба ёд.*
*Гуфта будам, ки туӣ ҳайкали беозорӣ,*
*Ба чӣ озор шудӣ кушта, аё Салторӣ?*

*Низом ҚОСИМ*



Масъули саҳифаҳои ҷашнӣ Тиллои НЕККАДАМ ва Иван САМОХИН

